# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ, доктори илмҳои филология Мухторов Зайнидин Мухторович ба диссертатсияи илмии Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар мавзӯи “Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва типологӣ пешниҳод гардидааст.**

Мусаллам аст, ки дар давраи муосири технологӣ истифодаи истилоҳоти компютерии марбут ба технологияҳои иттилоотӣ ва Интернет боиси тавсеаи ифодаҳо ва таркибу воҳидҳои гуногуни забонӣ ва махсусан сленги компютерӣ шудааст, ки ин раванд илми муосири соҳавиро ба таҳқиқи комплексии тамоми истилоҳоти нави технологияи инноватсионӣ беш аз пеш водор менамояд. Аз ин лиҳоз мубрамият ва зарурияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсияи илмии Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар мавзӯи “Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” дар он зоҳир мегардад, ки дар баробари рушди технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ, бо нустариши шабакаҳои Интернет дар забон низ раванди пайдоиши истилоҳоти нав барои ифодаи мафҳумҳои нав, ифода ва сленгҳои нав ба миён омада, ба зарурати таҳқиқ ва таҳлилу баррасии илмии ин масъадаҳо далолат мекунад.

Дар ин замина мақсади таҳқиқоти диссертатсионии мазкур омӯзиши ташаккули сленгҳои компютерӣ ва таҳаввулоти минбаъдаи онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад. Ҳадафи асосии таҳқиқот дар таҳлили муқоисавии сохтори луғавӣ ва маъноии сленги компютерӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва зарурати истифодаи он дар ҳаёти ҳаррӯза буда, омӯзиши хусусиятҳои сохтории истилоҳоти Интернет, ҷамоаҳо, ёфтани воҳидҳои нави луғавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ моҳияти таҳқиқотро бештар ва комилтар месозад.

Навгониҳои илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст таҳлили муқоисавии истилоҳоти компютерӣ, махсусан сленги компютерӣ, ки як қабати лексикаи технологияи иттилоотӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба шумор меравад, анҷом дода шудааст. Дар диссертатсияи мазкур бори нахуст вижагиҳои соҳавӣ ва сленгҳои компютерӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Бояд қайд намуд, ки дар забоншиносии муқоисавии тоҷик бори нахуст таснифоти соҳавии сленги компютерӣ ба таври мушаххас анҷом дода шудааст.

Арзиши илмию назарии таҳқиқот дар он аст, ки диссертатсияи мазкур метавонад дар таҳқиқоти минбаъдаи муқоисавии истилоҳоти компютерӣ,

алалхусус сленгҳои соҳавӣ дар технологияҳои иттилоотии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, таҳқиқи минбаъдаи вижагиҳои типологии забонҳои мавриди таҳқиқ ва ҳамчунин дар рушди самтҳои ҷудогонаи таҳқиқ оид ба хусусиятҳои сленги компютерӣ дар системаи ҳар як забон мусоидат кунад. Натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли як қатор масъалаҳои забоншиносӣ, махсусан забошиносии муқоисавӣ, истилоҳшиносӣ, забоншиносии компютерӣ, махсусан истилоҳоти компютер ва технологияҳои иттилоотӣ ва барои таҳқиқоти минбаъдаи сленгҳои гуногуни соҳавӣ ҳамчун замонаи илмию назариявӣ хидмат хоҳанд кард.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар таҷриба барои омӯзиши истилоҳот ва сленгҳои нави компютерие, ки дар ҳаёти ҳамарӯзаи мо вомехӯранд, инчунин ҳалли мушкилоти тарҷумаи чунин сленгҳо ва аз рамзҳо ба таври шарҳи маънӣ озод намудани сленгҳое, ки дар шакли ихтисорот истифода мегарданд, мусоидат намоянд. Инчунин маводи назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкур дар раванди таълими ихтисосҳои филологӣ дар мактабҳои олӣ ҳангоми гузаронидани лексияҳо, семинарҳо ва курсҳои махсус ҳамчун дастури таълимӣ метавонад мавриди истифода қарор гирад. Сленгҳои компютерие, ки бо роҳу воситаҳои гуногун дар шакли рақам, рамз, ихтисора ва муаммо ба чашм мерасанд, метавонанд ба воситаи маводи бадастомада шарҳу тавзеҳи худро ёбанд. Тамоми маводи амалии таҳқиқот ба мо имкон фароҳам месозад, ки ҳама гуна сленгҳои компютериро дар шабакаҳои интернетӣ, чатҳо, блогҳо ва ҳаёти минбаъда ба осонӣ дарк намоем.

Ба ҳайси маводи асосии таҳқиқот луғатномаҳои сленги компютерӣ, ки аз сомонаҳои Интернет гирифта шудаанд, луғатҳои тафсирии истилоҳоти компютерӣ ва интишорот дар маҷаллаҳои гуногун, дар форумҳо ва чатҳо, ҳамчунин аз дигар маводи компютерии дастрас гирифта шудаанд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар мавридҳои ҷудогона муодилҳои тоҷикии сленгҳои англисӣ ва русиро ба забони тоҷикӣ аз рӯи суҳбат ва муошарату маслиҳати мутахассисони соҳа ва ҳамчунин муҳаққиқон оварда таҳлилу баррасӣ намудаем.

Саҳми шахсии муҳаққиқ дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст сленги компютерӣ бо таснифоти соҳавӣ ва сохторӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба таври мукаммал таҳқиқ шудааст. Тамоми сленгҳои компютерӣ ва вижагиҳои гуногуни соҳавӣ дар асоси фарҳангҳои луғати дузабона ва тафсирӣ, аз ҷумла фарҳангҳои этимологӣ, энсиклопедӣ, забоншиносӣ, фарҳангҳои истилоҳоти компютерӣ ва ғайра муқоиса мегарданд.

Бо ҳамин тартиб диссертант ба ҳадаф ва вазифаҳое, ки дар назди худ гузоштааст, муваффақ гардидааст. Аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, ки муҳаққиқ бо сабки хуби илмӣ ошно шуда, малакаи нигориши илмии худро дар мақолаҳои илмии интишорнамуда инъикос намудааст. Муҳтавои диссертатсия дар шакли маърӯза ва баромадҳо дар ҳамоишҳои гуногуни илмӣ ироа гардида, инчунин аз рӯи мавзӯи диссертатсия 7 мақола, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА Федератсияи Россия ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

Бинобар ин ҳамчун роҳбари илмӣ диссертатсияи илмии Ғафуров Зоир Саъдуллоевичро дар мавзӯи “Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ таҳия шудааст, барои дифоъ тавсия менамоям.

Сардори Раёсати робитаҳои байналмилалии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои филология Мухторов Зайнидин Мухторович

Сана: 04.06.2021

734025, ш. Душанбе, куч. Саид Носир 33
тел./факс (992 37) 228-91-51
mukhtorov67@gmail.com
(992) 907801822

Имзои З. М. Мухтороврο «тасдиқ мекунам».

Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қувватзода С.